## СУРАТМАҶЛИСИ № 101

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-018

17 октябри соли 2025 ш. Душанбе

Иштирок доштанд: аз 16,нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармони КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 7 январи соли 2022, №16/шд (бо тағйири ҳайат аз 5 июли соли 2024 № 224/шд) тасдиқ гардида, 15 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафар докторони илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод гардид, ки ҷаласа кушода эълон гардад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Азимзода Ҳайдаршоҳ Раҷаб дар мавзуи «Шартномаи хариду фурӯши чакана: масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқи хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ.

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси комиссияи экспертӣ шурои диссертатсионӣ доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, узви шурои диссертатсионӣ Сангинзода Д.Ш., аъзои комиссияи экспертӣ, аъзои шурои диссертатсионӣ доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Имомзода Н.М. ва номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Қодирқулов Х.Р., баромад намуданд (хулосаи комиссияи ташхис замима мегардад).

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Азимзода Ҳайдаршоҳ Раҷаб дар мавзуи «Шартномаи хариду фурӯши чакана: масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқи хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

– **Меликов Умрилло Асадуллоевич** - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи факултети ҳуқуқ ва гумруки Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

– **Қодиров Шодмон Қодирович** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии муассисаи таълимии байнидавлатии таҳсилоти олии касби Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар - Муассисаи таҳсилоти олии касбии «Академия идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъйин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи милии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чопи автореферат иҷозат дода шавад.

5. Санаи ҳимоя 30 декабри соли 2025 соати 10:00 таъин карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор 16 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Азиззода У.А.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қодиров Н.А.